# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ 语言学дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. –Душанбе, 2023.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ Қосимов О.Ҳ. (раис), доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова М.Т, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён С.Қ. (аъзо) ва оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертант Ҷанг Лей дар мавзуи **«Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ 语言学дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** кӯшиш намудааст, ки ба хусусиятҳои маъногию сохтории истилоҳи «забоншиносӣ» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки таҳқиқи муқоисавии умумияти истилоҳоти забоншиносии ин ду забон арзиши баланди илмӣ дошта, дар натиҷаи муқоиса хусусиятҳои монандӣ ва гуногунии сохторӣ, маъноӣ ва синтаксисии онҳо ошкор мегардад.

Солҳои охир омӯзиши амиқи масъалаи ҳавзаи маъноӣ ва луғавӣ дар забонҳои гуногунсохтор мушоҳида мегардад, ки бештар дар забонҳои тоҷикӣ бо русӣ ва англисӣ мебошанд. Таҳқиқи истилоҳот дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ ҳамчун марҳилаи нав дар илми забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб ба шумор меравад.

Мавзуи таҳқиқ бо барномаҳои самтҳои филологӣ, бахусус бо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2019, №438 тасдиқ шудааст, алоқаи ногусастанӣ дорад.

Диссертатсияи илмии мазкур ба омӯзиши муқоисавии сохтор ва маънои истилоҳи забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст, ки иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавии тоҷик мебошад. Мавриди қайд аст, ки таҳқиқи муаммоҳои истилоҳ ва воситаҳои ифодаи он солҳои зиёд на танҳо диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст, балки фаҳмишу табиати он сабаби баҳсу талошҳо низ гардидааст. Новобаста ба шумораи зиёди пажӯҳишҳои ба мавзуи мавриди баҳс бахшидашуда хусусиятҳои маъноию сохтории истилоҳ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Мақсад аз навиштани диссертатсияи мазкур муайян кардани таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти забоншиносӣ дар муқоиса бо маводи забонҳои чинӣ ва тоҷикӣ, ҳамзамон, омӯхтани заминаҳои назарии забоншиносии истилоҳоти забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ таснифи мавзуии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди корбурди махсус қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти истилоҳи забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо бо истифодаи истилоҳи мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ муаян гардид.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, №3 тасдиқ гардида, таълиф шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ 语言学 дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”**, номгузорӣ шуда аз шаш зербоб иборат мебошад ва дар он заминаҳои назариявии таҳқиқотӣ типологӣ, ки ба таҳлили истилоҳоти забоншиносӣ бахшида шудаанду аз ҷониби забоншиносони ватанию хориҷӣ анҷом дода ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия “**Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «сарф 形态学» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”** номгузори шуда, дар он хусусиятҳои сохтории истилоҳот, ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти сарфӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби сеюми диссертатсияи ба ташхис пешниҳодшуда масъалаҳои марбут ба таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «наҳв 句法» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ мушахассан ифода карда шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ дарҷ гардидааст, 3-тои онҳо дар маҷалла (нашрия)-ҳои тақризшаванда ва 4 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Аҳамияти таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ 语言学дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ бевосита ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ 语言学дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пешниҳод карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,

қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Мухторов Зайниддин Мухторович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

- **Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна**, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

Номзади илмҳои филологӣ,дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

«8» сентябри соли 2023

Имзоҳои О.Ҳ.Қосимов, М.Т. Ҷабборова ва С.К. Матробиёнро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои Юсупова
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj, E-mail : ddzt@ddzt.tj